**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар таърихи нави рушди давлатдории миллии тоҷик ва расмиёти ҳуқуқии он соли 2024 ҳамчун санаи сиюмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хотирмон аст. Ба ин санаи муҳим дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023 қайд шудааст, ки «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем».

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат», ки 14 ноябри соли 2016, № 1356 қабул гардидааст, вазъи сиёсӣ ва ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро ҳамчун бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон муқаррар мекунад.

Бо чунин асосҳо, қонуни конститутсионии мазкур воқеияти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва нақши беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро тақвият намуд. Дар моддаи дуюми қонуни конститутсионии мазкур қайд мегардад, ки Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат

мебошад, ки дар иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибхтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст.

Тоҷикистон баъд аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ ва бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҳадафи лоиҳаҳои низоъангези давлатҳои абарқудрат гашт, ки нияти дар Тоҷикистон барпо намудани давлати исломӣ ва ба сари қудрат овардани гумроҳону хоинони миллатро доштанд. Миллати тоҷик имконият пайдо намуд, ки дар сарҳади бархурди режимҳои сохтаи исломию дунявӣ, дар ҳавзаи ҷанги таҳмиллии шаҳрвандӣ, муноқишаҳои манфиатҳои миллӣ, дар майдони муборизаҳои мазҳабӣ истиқлолияти худро эълон намуд.

27 июни соли 1997 бо кӯшишҳои чандинсола, шабзиндадориҳо ва сарварии оқилонаи фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар шаҳри Маскав ба имзо расид.

Расидан ба ин сулҳи тақдирсози миллати тоҷик роҳи басо душвор ва ниҳоят мураккаб буд, ки ин санаи таърихии миллати тоҷикро Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оғози фаъолияти сулҳофаронаи Раиси нави тозаинтихоибшудаи Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ибтидо гузошт ва аввалин ироаи савганди мардонагии ин шахсияти худодод аз калимаи «Ман ба Шумо сулҳ меоварам» оғоз ёфт. Ин родмарди ватандӯст тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои қатъ намудани ҷанг, таъмини сулҳ, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд. Кӯшишҳои панҷсолаи Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон, омӯзиш ва таҳлилҳои асосонокунии ин санади таърихӣ аз лиҳози илмӣ ва муайян намудани тақдири ояндаи давлати тоҷикон, якпорчагии миллат, дорои аҳамияти ниҳоят бузург буд, зеро таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки Эмомалӣ Раҳмон миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард, ба савганди худ лоиқ шуда, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан баргардонид, миллатро сарҷамъ намуда, ҳама дар якҷоягӣ дар заминаи

аҳдномаи миллӣ кӯшиш намуданд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро азнавсозӣ намоянд.

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон, фаросати азими мардумпарваронааш, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони хешро дар хатар монда, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон барои мулоқот ба оппозитсиони тоҷик дар Ҷумҳурии исломии Афғонистон сафарҳои пурхатар намуд ва сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба низои хонумонсуз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, сохти конститутсиониро дар мамлакат барқарор намуд. Иродаи сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқидоштаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери фишори хоинона ва душманонаи бадхоҳони миллат шикаст нахурд ва ӯ тавонист бо ҷасорату далерии худ ба ҷанги бародаркуш хотима бахшида, сулҳу суботро ба мардуми шарифи Тоҷикистон таъмин намояд. Бешубҳа, сулҳе, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миллати тоҷик овард, кафили истиқлолият ва рушди устувори давлатдории навини тоҷикон гашт.

Аз ин лиҳоз, мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар он ифода мегардад, ки ҳанӯз дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба масъалаҳои вобаста ба танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон тадқиқотҳои илмӣ бахшида нашудаанд.

Олимони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллатро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додаанд. Аммо, дар илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи алоҳидаи фарогири пурраи фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон то имрӯз пешниҳод нашудааст.

Объекти тадқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки вобаста ба масъалаҳои фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат диққати махсус дода мешавад. Аз ин рӯ, зарурати таҳлили амиқ ва васеи тақвияти конститутсионӣ-ҳуқуқии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти сулҳҷӯёнаи ӯ ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ба миён омадааст.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод, воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод соли 2013 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии байналхалқӣ дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст. Инчунин, солҳои 2018-2020 дар зинаи магистратураи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро таҳсил кардааст. Аз соли 2020 то инҷониб дар Академияи

идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти илмию омӯзгорӣ дорад.

Кори диссертатсионии Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия "Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ" ном гирифта, дар он фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, фаъолияти Пешвои миллат ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлати ҳуқуқбунёд, сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишвар ва таъминоти иҷтимоии фаъолияти Пешвои миллат мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия "Нақши фаъолияти сулҳофарии Пешвои миллат дар сиёсати хориҷӣ" ном дошта, дар доираи он нақши Пешвои миллат дар рушди сиёсати хориҷӣ, инчунин ҳалли мушкилоти ҷомеаи байналмилалӣ ва ташаббусҳои Тоҷикистон дар бартараф намудани он аз нигоҳи ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Боби сеюми рисолаи илмӣ "Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон" ном гирифта, дар он мақоми конститутсионии Пешвои миллат, механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат ва самтҳои асосии фаъолияти конститутсионии Пешвои миллат мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии
Институти фалсафа, сиёсатшинсӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.М. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Зоир Ҷ.М.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Тел.: (+992) 985038585

**Имзои Ҷ.М. Зоирро тасдиқ менамоям:**
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.М. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Абдурахмонзода Б.А.

**Суроғаи ҷойи кор:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
**Тел:** (+992) 985038585
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru

22.09.2025